**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Амируллозода Маликамо Амирулло дар мавзуи «Асосҳои методии фардигардонии элементҳои анализи математикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз руйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ))**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Амируллозода Маликамо Амирулло дар мавзуи «Асосҳои методии фардигардонии элементҳои анализи математикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз руйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) тибқи қарори шурои диссертатсионӣ аз 19- уми июли соли 2025 суратмаҷлиси №3 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

1. **Холназаров Санг** – узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, профессор – раиси комиссия;

2. **Шерматов Дустназар Саидович** – узви шуро, доктори илмҳои физика-математика аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ, профессор – узви комиссия;

3. **Абдулвоҳиди Олимхон** – доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика, мудири кафедраи таҳлили математикӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – узви комиссия.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсионии Амируллозода Маликамо Амируллоро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори ба итмом расидаи илмӣ –тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Таҷрибаҳо собит намудаанд, ки омӯзиши фанҳои риёзӣ, аз ҷумла фанни математика бисёр заҳматталаб буда, вақти зиёде барои омӯзиш ва таълими ин фан сарф мешавад. Аз ин рӯ, омӯзгори ин фанни таълимӣ бояд ҳама вақт дар пайи ҷустуҷӯ ва эҷоди воситаҳои навини таълимӣ бошад, ҳамеша кӯшиш намояд, ки бо истифодаи навгониҳои илму техника дар раванди таълим диққати хонандагонро ба дарс ҷалб намояд.

Лозим ба зикр аст, ки таҳқиқоти мазкур, ки бевосита ба «Асосҳои методии фардигардонии элементҳои анализи математикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» бахшида шудааст, ба барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мувофиқ буда, барои мутобиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ ва эксперименталӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси **13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ)** мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба **шиносномаи ихтисоси**13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 27 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7- адад дастури методӣ, 6- адад мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14- адади боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чоп расида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки талаботи банди 35- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба **нашри натиҷаҳои диссертатсия** риоя гардидааст.

**Ҳадафи асосии** таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян кардани афзалият ё самараи таълими тафриқавӣ ҳангоми ҳалли машқу масъалаҳои корҳои мустақилона, шароити муносибатҳои босалоҳияти хонандагон зимни омӯзиши элементҳои анализи математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Эътимоднокии** натиҷаҳои диссертатсионӣ ба даст овардашуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи методикаи таълими математикаи ватанию берун аз он такя мекунад. Аз ин равия дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст:

– натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии онро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсейҳо мавриди озмоиш қарор ёфта собит намудааст;

– дар машваратҳои омӯзгорони бахши математикаи шаҳри Кӯлоб, Душанбе, ноҳияҳои минтақа муаррифӣ шуда, боиси дастгирӣ гаштааст;

– дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони минтақаи Кӯлоб баррасӣ шуда, мавриди эътирофи омӯзгорон гардидааст;

– дар машварат бо педагогон, равоншиносон ва методистон муқаррар гардид, ки тадбиқи он боиси беҳбудии таълим мегардад.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

### Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Амируллозода Маликамо Амирулло дар мавзуи «Асосҳои методии фардигардонии элементҳои анализи математикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз руйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) кори таҳқиқотии мустақилона

анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 омода гадидааст. Диссертатсияи мазкурро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Дар асоси банди 56 Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) комиссияи экспертӣ диссертатсияи Амируллозода Маликамо Амирулло дар мавзуи «Асосҳои методии фардигардонии элементҳои анализи математикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) таҳлил ва муҳокима намуда, чунин қарор қабул кард.

**Қарори комиссияи экспертӣ:**

1. Диссертатсияи Амируллозода Маликамо Амируллоро дар мавзуи «Асосҳои методии фардигардонии элементҳои анализи математикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз руйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) мутобиқ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) омода гардида, ба самти шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 мувофиқ мебошад ва дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

3. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсия **Шодиён Муҳаммад Султонзода**- доктори илмҳои педагогӣ, профессор вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Хоҷаев Амрохон Мирзоевич**- номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъйин карда шаванд.

4. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру панҳкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Холназаров С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор — Шерматов Д.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори фалсафа (Ph.D), доктор
аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика,
мудири кафедраи таҳлили математикӣ
ва муодилаҳои дифференсиалии ДДБ
ба номи Носири Хусрав — Абдулвоҳиди О.

*Имзои д.и.п., профессор Холназаров С., д.и.ф-м., профессор Шерматов Д.С. ва доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯи ихтисос Абдулвоҳиди О.- ро тасдиқ менамоям.*

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав — Исозода Т.И.